«Тасдиқ мекунам»

Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,

доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

_____ Насриддинзода Э.С.

«__17__» ____09_____ 2026

ХУЛОСАИ
ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи Ҳалимзода Далер Обид дар мавзуи «Таҳаввули равобити сиёсиву дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон дар қаринаи сиёсати «дарҳои кушод» (солҳои 2003–2021)» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.6. Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати беруна дар кафедраи минтақашиносии хориҷии факултети муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Ҳалимзода Далер Обид унвонҷӯи кафедраи минтақашиносии хориҷии факултети муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба шумор мерафт.

Ҳалимзода Далер Обид соли 2012 ба ихтисоси муносибатҳои байналхалқии факултети муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2017 хатм намудааст.

Номбурда бо фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз соли 2021 (фармоиши ректори Донишгоҳ аз 13.04.2021, таҳти №18-05) ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи минтақашиносии хориҷии факултети муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардида, онро соли 2025 (фармоиши ректори донишгоҳ аз 30.12.205, таҳти №515-05) хатм намудааст.

Ҳалимзода Далер Обид пас аз хатми донишгоҳ фаъолияти меҳнатиашро соли 2020 ба ҳайси корманд мутахассиси кафедраи фанҳои

ҷамъиятии Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз намудааст. Айни ҳол муаллими калони кафедраи болозикр мебошад.

Мавзуи рисолаи диссертатсионии Ҳалимзода Далер Обид «Таҳаввули робитаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон дар қаринаи сиёсати «дарҳои боз» (солҳои 2003–2021)» ва роҳбари илмӣ н.и.т., дотсент Розиқов Ф. дар шурои олимони факултети муносибатҳои байналмилалӣ (протоколи №10 аз 27.05.2022,) тасдиқ шудааст. Пас аз муҳокима ва тавсияи мутахассисон мавзуи диссертатсия дар шурои олимони факултети муносибатҳои байналмилалӣ (протоколи №1, аз 30.09.2025) бо номи «Таҳаввули равобити сиёсиву дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон дар қаринаи сиёсати «дарҳои кушод» (солҳои 2003–2021)» тағйир дода шудааст.

Имтиҳонҳои номзадиро ба тариқи зайл супоридааст: забони хориҷӣ (англисӣ) – аъло (17.06.2026); таърих ва фалсафаи илм – хуб (06.06.2024); ихтисос: 6.1.6. Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати беруна – аъло (25.10.2026). (Маълумотнома, №215 аз 04.06.2026).

Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи минтақашиносии хориҷии факултети муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 10-уми сентябри соли 2026 (суратҷаласаи №2) муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсия дар мавзуи «Таҳаввули равобити сиёсиву дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон дар қаринаи сиёсати «дарҳои кушод» (солҳои 2003–2021)» чунин хулоса қабул карда шуд:

1. **Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва мухтавои диссертатсия.** Диссертатсияи Ҳалимзода Далер Обид дар мавзуи «Таҳаввули равобити сиёсиву дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии исломии Эрон дар қаринаи сиёсати «дарҳои кушод» (солҳои 2003–2021)» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи

ихтисоси 6.1.6. Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати беруна мутобиқат менамояд;

2. **Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи мавзуи корӣ илмӣ-таҳқиқотии кафедраи минтақашиносии хориҷии факултети муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ки яке аз бандҳои он ба мавзуи «Таҳаввули равобити сиёсиву дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон дар қаринаи сиёсати «дарҳои кушод» (солҳои 2003–2021)» барои солҳои 2021–2025 бахшида шудааст, анҷом ёфтааст.

3. **Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмии ба мухтавои диссертатсия ва автореферати он.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 10 мақолаи илмӣ нашр гардиданд, ки аз ин шумора 5 адади он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд. Мазмуну мухтавои диссертатсия дар мақолаҳои илмии муаллиф инъикос гардида, масоили мубрами онро фарогир мебошад. Инчунин, дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф инъикос ёфтаанд. Теъдоди маводди чопшуда ба банди 10 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, таҳти №591 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ ба мухтавои диссертатсия ва автореферати он. Диссертатсия дорои аҳаммияти муҳимми илмӣ мебошад. Дар он таҳаввули ҳамкориҳои сиёсиву дипломатӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон дар қаринаи сиёсати «дарҳои кушод» ва дурнамои рушди ҳамкориҳои ду кишвар нишон дода шудааст.

Ба андешаи муаллифи диссертатсия мақсади таҳқиқот таҳлили комплексии раванди ташаккул, таҳаввул, рукуд, эҳё ва дурнамои муносибатҳои сиёсиву дипломатӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон дар қаринаи сиёсати «Дарҳои кушод» мебошад. Дар ин асос, муносиботи ду кишвар ҳамчун раванди ягонаи таърихӣ баррасӣ гардида, дар он заминаҳои фарҳангӣ, манфиатҳои миллӣ, механизмҳои дипломатӣ, лоиҳаҳои иқтисодӣ, омилҳои амниятӣ ва тағйироти минтақавӣ нишон дода шудааст. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки таҳаввули равобити сиёсиву дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон дар солҳои 2003–2021 дар заминаи сиёсати «Дарҳои кушод» пай дар ҳам таҳлилу баррасӣ намояд.

Таҳқиқоти мазкурро метавон барои такмили заминаҳои назариявӣ ва методологии омӯзиши таърихи муносибатҳои байналмилалӣ, сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва равобити дуҷонибаи Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Исломии Эрон ба таври васеъ истифода бурд. Ҳамзамон, барои пажӯҳишгарони равандҳои сиёсӣ ва геополитикии давраи таҳқиқшаванда, хусусиятҳои ташаккул ва таҳаввули муносибатҳои байнидавлатӣ ва нақши омилҳои минтақавӣ дар рушди робитаҳои Тоҷикистон ва Эрон маводди муфид бошад. Натиҷаҳои таҳқиқотро метавонанд ҳангоми омӯзиши таърихи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони истиқлол, таърихи муносибатҳои Тоҷикистон ва Эрон, таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва равандҳои сиёсӣ дар Осиёи Марказӣ, инчунин дар таҳияи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ, барномаҳои таълимӣ оид ба ихтисосҳои равияи таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбии кишвар ба таври васеъ истифода шавад.

4. **Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ**. Рисолаи номзадии Ҳалимзода Далер Обид дар мавзуи «Таҳаввули равобити сиёсиву дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон дар қаринаи сиёсати «дарҳои кушод» (солҳои 2003–2021)» мубрам ба ҳисоб рафта, барои илмҳои таърих, махсусан таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Муаллифи диссертатсия бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва

байналмилалӣ, ҳамчунин тарзи масъалагузорӣ ва услуби таълифи диссертатсия саҳмгузор аст. Ҳамаи марҳалаҳои таҳқиқот – интихоби мавзуъ, асосноккунӣ, муҳим будани он, муайян намудани ҳадафи асосии таҳқиқот ва иҷрои вазифаҳои гузошташуда бо иштироки муаллиф анҷом гирифтаанд.

Муаллифи диссертатсия навгонии илмии таҳқиқотро дар ҳафт банд асоснок ва ишора намудааст, ки марҳалаҳои асосии ташаккул ва таҳаввули муносибатҳои сиёсиву дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон дар давраи таҳқиқшаванда муайян гардида, хусусиятҳои хоси ҳар як марҳала дар заминаи тағйироти сиёсӣ ва геополитикии минтақа таҳлил карда шудаанд.

Муаллиф дар диссератсия ишора намудааст, ки дар давраи таҳқиқ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон кӯшиш намудаанд, ки муносибатҳои дуҷонибаи худро дар пояи манофеи ҷонибҳо ва шароити судманд тавсеа бахшанд ва дар роҳи расидан ба ҳадафҳои худ ба ягон монеаҳои ҷиддии мушаххасе дучор нашудаанд ва онро тавсеаи ҳамкориҳои дар сатҳҳои баланди сиёсии давлатҳо нишон медиҳад. Ҷумҳурии Исломии Эрон аз солҳои аввали соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон рушд ва густариши ҳамкориҳои мутақобилан судмандро пешниҳод намуда буд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам бо вуҷуди вазъияти мураккаби дохиливу сиёсӣ саъй дошт, ки робитаҳои ҳаматарафаро бо давлати ҳамфарҳангу ҳамреша васеъ намояд. Маҳз ва ҳамин иродаи қавӣ ва талошҳои устувори ҷонибҳо буд, ки заминаи сиёсиии ташаккули ҳамкориҳоро гузошт ва онро ба сатҳи зарурӣ баланд бардошт.

Диссертатсияи Ҳалимзода Далер Обид дар мавзуи «Таҳаввули равобити сиёсиву дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон дар қаринаи сиёсати «дарҳои кушод» (солҳои 2003–2021)» ба ихтисоси интихобшуда пурра мувофиқат мекунад.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои шиносномаи ихтисосҳои илмии 6.1.6. Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ, ки аз ҷониби

раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, комилан мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Вобаста ба мавзуъ ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 то дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор гардидааст.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:

№ р/т	Номи мавод	Иқтибос ба маводди илмӣ тибқи ГОСТ ё стандартҳои дигари байналмилалӣ	Пайванд (линк) барои дастрасӣ ё DOI	Ҳаммуаллифон (насаб, ном, номи падар)
1. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:				
1	Инъикоси ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Исломии Эрон дар таърихнигории муосир	Ҳалимзода, Д.О. Инъикоси ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Исломии Эрон дар таърихнигории муосир [Матн] / Ҷ.А. Мирзоев, Д.О. Ҳалимзода // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2023. – №6 (107). – С.193-199.	http://vestnik.tgpu.tj/tg/archive/read/60570890-0660-4a98-87f8-b6261336a5fa	Мирзоев Ҷ.А.
2	Ҳамкориҳои сиёсӣ-дипломатӣ ва иқтисодию фарҳангии Тоҷикистон ва Эрон дар солҳои 90-уми асри XX	Ҳалимзода, Д.О. Ҳамкориҳои сиёсӣ-дипломатӣ ва иқтисодию фарҳангии Тоҷикистон ва Эрон дар солҳои 90-уми асри XX [Матн] / Д.О. Ҳалимзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2024. – №11 (II). – С.56-60.	https://g.vestnik-tnu.com/vestnik/2024/11-2.pdf	
3	Самтҳои афзалиятноки ҳамкориҳои	Ҳалимзода, Д.О. Самтҳои афзалиятноки ҳамкориҳои иқтисодӣ-иҷтимоии	https://old.osiyoavrupo.tj/majalla	

	иқтисодӣ-иҷтимоии Тоҷикистон ва Эрон дар даврони истиқлол	Тоҷикистон ва Эрон дар даврони истиқлол [Матн] / Д.О. Ҳамлимзода // Осиё ва Аврупо. – 2025. – №1 (21). – С.109-115.	-pdf/2025-1	
4	Ҳамкориҳои дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Исломии Эрон дар даврони истиқлол	Ҳалимзода, Д.О. Ҳамкориҳои дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Исломии Эрон дар даврони истиқлол [Матн] / Д.О. Ҳалимзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2025. – №2. – С.20-26.	https://g.vestnik-tnu.com/vestnik/2025/№2-2025.pdf	
5	Самтҳои афзалятноки ҳамкориҳои иқтисодии Тоҷикистон ва Эрон дар даврони истиқлол	Ҳалимзода, Д.О. Самтҳои афзалятноки ҳамкориҳои иқтисодии Тоҷикистон ва Эрон дар даврони истиқлол [Матн] / Д.О. Ҳалимзода, Ф. Розиқов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2025. – №7. – С.59-65. ISSN 2074-1847	https://g.vestnik-tnu.com/vestnik/2025/7.pdf	Розиқов Ф.
2. Мақолаҳо ва фишурдаи маърӯзаҳо дар конференсияву симпозиумҳои байналмилалию ҷумҳуриявӣ				
6	Саҳми Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими ҳамкориҳои Тоҷикистон ва кишварҳои форсизабони минтақа	Ҳалимзода, Д.О. Саҳми Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими ҳамкориҳои Тоҷикистон ва кишварҳои форсизабони минтақа [Матн] / Д.О. Ҳалимзода // Конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар таҳқиқи таърихи халқи тоҷик» (29 апрели соли 2025). – Душанбе, 2025. – С.183-185.		
7	Давлати Сосониён: баъзе	Ҳалимзода, Д.О. Давлати Сосониён: баъзе ҷанбаҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии он		

	ҷанбаҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии он	[Матн] / Д.О. Ҳалимзода // Конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзуи «Ҷойгоҳи Сосониён дар таърих ва тамаддуни умумиҷаҳонӣ» бахшида ба 1800-солагии таъсисёбии давлати Сосониён (Душанбе: ДДОТ ба номи С.Айнӣ, 26 апрели моли 2024). – Душанбе, 2024. – С.206-207.		
8	Нақши Пешвои миллат дар таҳкими сулҳ ва амнияти миллӣ	Ҳалимзода, Д.О. Нақши Пешвои миллат дар таҳкими сулҳ ва амнияти миллӣ [Матн] / Д.О. Ҳалимзода // Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба Рӯзи Президент аз 16 ноябри соли 2023. – Душанбе, 2024. – С.69-74.		
9	Равобити илмию фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Исломии Эрон	Ҳалимзода, Д.О. Равобити илмию фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Исломии Эрон [Матн] / Д.О. Ҳалимзода // Конференсияи илмӣ-амалии байналмилалии «Илм ва амалияи ҳуқуқшиносӣ» бахшида ба Рӯзи илми тоҷик ва гиромидошти ёди профессори фахрии Академияи ВКД ҶТ, Арбоби шоистаи илми ФР, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Р.С. Мулукаев (Душанбе, 18 апрели 2025). – Душанбе, 2025. – С.486-488.		
10	Ҳамкориҳои иқтисоди ва тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Исломии Эрон дар замони	Ҳалимзода, Д.О. Ҳамкориҳои иқтисоди ва тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Исломии Эрон дар замони соҳибистиқлолӣ [Матн] / Д.О. Ҳалимзода // Мақолаҳо аз конференсияи илмӣ-назариявии		

	соҳибистиқлолӣ	байналмилалӣ дар мавзуи «Саҳми Пешвои миллат дар рушди Истиқлолият ва таҳкими худшиносии миллӣ» (Маҷмуаи мақолаҳои илмӣ-назариявӣ). – Бохтар: ҶДММ «Матбаа», 2026. – С.443-449		

Ҷаласа қарор кард:

1. Диссертатсияи Ҳалимзода Далер Обид дар мавзуи «Таҳаввули равобити сиёсиву дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон дар қаринаи сиёсати «дарҳои кушод» (солҳои 2003–2021)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.6. Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати беруна кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсия Ҳалимзода Далер Обид дар мавзуи «Таҳаввули равобити сиёсиву дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон дар қаринаи сиёсати «дарҳои кушод» (солҳои 2003–2021)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.6. Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати беруна бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии 6D.KOA-024 тавсия дода шавад.

3. Аз шурои диссертатсионии 6D.KOA-024 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон хоҳиш карда мешавад, ки қарори кафедраи минтақашиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба эътибор гирифта шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи минтақашиносии хориҷии факултети муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардидааст (протоколи №2, аз 10.09.2026).

Иштирок доштанд: ҳамагӣ – 11 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: тарафдор – 11 нафар, зид – нест, бетараф – нест.

Раиси ҷаласа: н.и.т., дотсент, мудири кафедраи минтақашиносӣ **Самиев Х.Д.**

Котиби ҷаласа: **Бозорова З.**

Имзоҳои Х.Д. Самиев ва Бозорова З. - ро тасдиқ мекунам: Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ **Шодихонзода Э.Ш.**